# Таҳлили

## таъсири танзими лоиҳаи “Тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон”

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | лоиҳаи “Тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон” |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо татбиқ мегардад | Ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шахсони ҳуқуқӣ |
| Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | Июли с.2024 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи Тартиби мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 майи соли 2024 ҷойгир карда шуда, нисбат ба он аз 30 май то 30 июни соли 2024 машварати оммавӣ гузаронида шуд. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома дар Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани лоиҳаи Талаботи мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардид. Вобаста ба огоҳинома оид ба таҳияи лоиҳаи Тартиби мазкур Маркази миллии қонунгузорӣ дар хулосаи худ аз 04 июли соли 2024, №291/1с қайд намудааст, ки огоҳинома тибқи талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” таҳия гардидааст. |

| | |
|---|---|
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон чора андешида нашавад | Яке аз вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистон таъмини тозагии пули нақд дар муомилот ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати саривақт таъмин намудани иқтисодиёт бо пули нақд ва ҳамзамон аз муомилот гирифтани пулҳои фарсуда чораҳои дахлдор андешида мешавад. Барои ба танзим даровардани масъалаи мазкур дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29.11.с.2012, №306 санади меъёрии "Қоидаҳо оид ба тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон" тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 январи соли 2013 таҳти №421"б" ба қайд гирифта шудааст. Дар асоси муқаррароти санади мазкур аз ҷониби хазинадорони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳолати пулҳо баҳо дода шуда, ба навъҳо гуруҳбандӣ карда мешаванд.<br>Таҷрибаи корӣ нишон медиҳад, ки дар ин санади мазкур хусусиятҳои муайян намудани пулҳои фарсуда ба таври маҷмуӣ оварда шуда, нишонаҳои фарсудашавӣ ба таври дақиқ инъикос наёфтааст. Дар натиҷа, ҳангоми гурӯҳбандӣ кардани пулҳо байни масъулини низоми бонкӣ, хусусан байни хазинадорон ва санҷишгарон, ихтилоф ба миён меояд. Ақидаи тарафҳо дар баҳо додани ин навъи пул гуногун аст ва чунин ихтилофи назар боиси зиёд шудани хавфи амалиётӣ мегардад. Номуайян будани мушаххасоти пулҳои фарсуда дар мавриди тарҳрезӣ кардани барномаи |

| | |
|---|---|
| | корӣ ба мошинҳои коркарди пул монеа эҷод менамояд. Дар натиҷа, самаранокии кори мошинҳо то андозае кам гардида, моҳияти истифодаи онҳо барои гурӯҳбандии пулҳо аз байн меравад. Бо мақсади ба танзим даровардани раванди мазкур масъулини Бонки миллии Тоҷикистон тасмим гирифтаанд, ки Тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистонро дар таҳрири нав таҳия намоянд. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми батанзимдарорандаи низоми бонкӣ бо мақсади мунтазам аз муомилоти пулии кишвар гирифтани пулҳои фарсуда ва беҳтар намудани сифати пулҳои дар муомилотбуда, инчунин бо мақсади оммафаҳм шудани баъзе банду зербандҳои Қоидаҳо оид ба тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия намудани Тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистонро зарур мешуморад ва ба ин васила ба ҳалли мушкилоти ҷойдошта мусоидат менамояд. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Дар таҳрири нав таҳия намудани Тартиби мазкур ягона роҳи бартараф намудани мушкилот мебошад, зеро маҳз Тартиби мазкур муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистонро муқаррар менамояд. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии | Дар лоиҳаи Тартиб чораҳои зерин пешбинӣ шудаанд: |

| | |
|---|---|
| ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла, чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | 1) ташкилотҳои қарзии молиявӣ уҳдадоранд дар ҳолатҳои зерин пулҳои фарсударо қабул намоянд;<br>- пулҳои коғазии чиркиншуда ва равғанолуд, агар унсурҳои ҳимоявии онҳо номаълум набошад;<br>- рахшикаста, агар ранги раҳҳои шикаста рафта бошад;<br>- ғиҷимшуда, агар аз ҷониби мошини ҳисобкунӣ хонда шавад;<br>- дорои сӯрохиҳои қутрашон зиёда аз 5 мм, агар онҳо дар натиҷаи хӯрдашавии табиӣ ба вуҷуд омада бошанд;<br>- чокҳо ба андозаи зиёда аз 10мм;<br>- доғҳо аз моддаҳои рангӣ бо қутри зиёда аз 10мм²;<br>- навиштаҷоти аломатҳои бегона (калимаҳо ё ададҳо) иборат аз ду аломати дароз ё се аломати кӯтоҳ (андозаи 10мм дарозӣ, 30мм паҳноӣ);<br>- акси тамғаҳо;<br>- набудани кунҷҳо ва атроф, аз ҷумла қисман сӯхтагиҳо ба дарозии 5мм. ва паҳноии 5 мм;<br>- набудани риштаи ҳимоявӣ, агар он ба шинохта шудани аслияти пулҳои коғазӣ монеъ нашавад ва шаҳодати ботил будани пулҳо набошад;<br>2) ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ҳолатҳои зерин пулҳои осебдидаро қабул намекунанд:<br>- пулҳои коғазии аз пораҳои бо асбобҳои буранда қасдан буридашуда ва ширешкардашуда, ки сатҳашон камтар аз 90 фоизи сатҳи ибтидоии пулро ташкил медиҳад ё тааллуқ доштани пораҳои ширешкардашуда ба як пул шубҳаангез бошад; |

| | |
|---|---|
| | - дар сурати мавҷудияти ҳатто 100 фоизи сатҳи ибтидоии пулҳои коғазии бо асбобҳои буранда буридашуда, агар ҳаҷм, тарзи буриш ва ширеш кардани онҳо аломатҳои дигаргунсозиро (сохтакорӣ) бо мақсади қаллобӣ дошта бошанд;<br>- тангаҳое, ки арзишашон, нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, расмҳои ходимони барҷаста ба дараҷаи шинохтанашаванда осеб дидаанд; |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ, эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳҳои дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>- риояи муқаррароти қонунгузорӣ таъмин мегардад;<br>- қабули Тартиби мазкур барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ хароҷоти иловагиро ба вуҷуд намеорад;<br>- сифати пули накд дар муомилот беҳтар мешавад.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>- иқтисодиёт сари вакт бо пули накд таъмин гардида, ҳамзамон пулҳои фарсуда аз муомилот гирифта мешаванд. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии онҳо | Дар ҳолати қабул гардидани Тартиби мазкур назорати риояи қонунгузорӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ оид ба тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон таъмин карда мешавад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии | 31.08.с.2024. |

| | |
|---|---|
| ҳуқуқӣ дар сурати қабули он. | |

Муовини Раис Назирӣ Г.Н.